# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ илм, фарҳанг ва санъати ҳамаи халқҳои ИҶШС бо суръат рушду такомул ёфт. Маҳз дар ҳамин давра илми таърих, ки рисолати омӯзиши таърихи халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла таърихи халқи тоҷикро ба дӯш дошт, пайваста рушду нумуъ мекард. Дар ин давра олимон ва сайёҳони рус ба омӯзиши масоили гуногуни таърихии Осиёи Миёна, хусусан Тоҷикистон машғул шуданд. Ҳамзамон, онҳо сарфи назар аз мушкилиҳои мавҷуда дар раванди бунёди тартиботи нави Шуравӣ дар қаламрави Тоҷикистони Шуравӣ ширкати фаъол доштанд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки солҳои 20-ум-90-уми асри XX оид ба урфу одат, анъана, расму оинҳо ва этногенези халқи тоҷик аз тарафи муҳаққиқони рус, аз ҷумла В.В. Бартолд, М.С. Андреев, Г.А. Арандаренко, А.Д. Гребенкин, В.В. Гинзбург, Н.А. Кисляков, А.М. Манделштам, Т.П. Кияткина, Д.Н. Логофет, А.З. Розенфелд, С.П. Русяйкина, Р.Л. Неменова, Л.В. Ошанин, Е.М. Пешерова, А.К. Писарчик, З.А. Широкова ва дигарон таҳқиқоти мардумшиносӣ ва антропологӣ сурат гирифта, ҷанбаҳои гуногуни тарзи зист, урфу одат, эътиқод, оиладорӣ, маданият ва маърифати зиндагии ниёгони тоҷикон дар асарҳои онҳо инъикос ёфтааст.

Баррасии масоили мардумшиносӣ ва антропологии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикисон дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дошта, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар ба раванди ташаккулёбии худшиносии миллии халқи тоҷик такони тоза мебахшад.

Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон бо ихтисоси илмии иштихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303-Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз солҳои 80-уми асри гузашта нашри маҷмӯаи мақолаҳои «Этнография дар Тоҷикистон» оғоз гардида, дар он нашри асарҳои илмии бисёре аз муҳаққиқону олимон, муаррихон ба табъ расид, ки ин асарҳо ба омӯзиши таърих, ва мардумшиносии Тоҷикистон бахшида шудаанд.

**Дараҷаи навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар солҳои 1920- 2000 бахшида шудааст.

Муаллифи рисола барои расидан ба ин ҳадафҳо иҷрои вазифаҳои иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

-муайян намудани дараҷаи омӯзиши фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт дар осори муҳаққиқони рус;

-инъикоси масоили мардумшиносӣ ва фарҳангии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои Р.Л. Неменова ва А.К. Писарчик;

-баррасии масоили ҳунарҳои мардумӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус;

-омӯзиши матоъҳои ҳунарӣ ва фарҳанги либоси миллӣ дар таҳқиқоти

Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон таҳқиқи тозае дар илми таърихнигории тоҷик ба шумор рафта, бори аввал бо чунин вусъат ва густардагии таҳқиқ ба анҷом расидааст. Диссертатсияи аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (237 номгӯй) иборат мебошад.

Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар шумори чунин рисолаҳое қарор мегирад, ки дар он ба таври амиқ саҳми муҳаққиқони русро дар омузиши масоили этнографӣ ва антропологии аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар солҳои 1920-2000 –умро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, дурустии инъикоси воқеаҳоро дар рисолаҳои онҳо мушаххас ва ҷойгоҳи онҳоро дар байни дигар муҳаққиқон муайян карда, ахбори тоза ба дастомадаро ба доираҳои илмӣ ворид намудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ-илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Ҳангоми таҳияи рисола усулҳои гуногуни таҳқиқи таърихӣ - омӯзиши далелҳо, таҳлили муқоисавии таърихӣ, тавсиф, муқоиса, хулосабарорӣ, таҳлили мантиқӣ-таърихӣ истифода шудааст.

Ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо таърихияти илмӣ, муқоисавӣ – таърихӣ, масъалагузорӣ, солноманавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Дар асоси усули муқоисавӣ - таърихӣ таҳқиқи осори муҳаққиқони то замони Шуравӣ дар қиёс бо асарҳои таърихӣ ва таҳқиқоти таърихнигории дигар давраҳои таърихӣ, аз ҷумла даврони Шуравӣ, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқ, сабки баён ва ғайраҳо анҷом дода шудааст.

Мавод ва хулосаҳои рисоларо метавон дар таҳқиқи масъалаҳои мардумшиносӣ ва таърихи этникии Тоҷикистон, инчунин дигар масъалаҳои мубрам таърихӣ ва баланд бардоштани худшиносии миллии халқи тоҷик ва тарбияи ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол самаранок истифода кард.

Боби якуми диссертатсия **«Саҳми муҳаққиқони рус дар омузиши мардумшиносии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал **«Инъикоси фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт»** мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, маълум шудааст, ки баррасии масоили мадумшиносӣ яке аз самтҳои муҳими таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Он имконият медиҳад, ки расму анъана, урфу одат, маросимҳо, тарзи зиндагӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар гузашта муайян карда шавад. Ин масъала дар даврай Шуравӣ ва ҳатто пеш аз он низ диққати муҳаққиқони соҳаи таърих, ба хусус мардумшиносону антропологҳои русро ба худ ҷалб намуда буд.

Боби дуюми диссертатсия **«Инъикоси ҳунарҳои мардуми ва фарҳанги либоси аъанавии сокинони Тоҷикистони марказӣ ва ҷануӣ дар осори мардумшиносони рус »** мавриди баррасӣ қарор дошта , таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар оройиши сару либос, ҷиҳози хона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан, барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихие, ки зиндагии маишии мардум ва фарҳанги даврахои гузаштаро инъикос месозанд, сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб меравaнд

Боби сеюми диссертатсия – **«Нақши муҳақиққони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ ва этногкнези аҳолии ноҳияҳои маркази ва ҷанубии Тоҷикистон»** мавриди пажуҳиш қарор гирифта аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Зербоби дуюми боби сеюм, **«Омӯзиши антропологии аҳолии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар таҳқиқоти антропологҳои рус»** буда оиди масоили антропологҳои рус дар омӯзиши аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки доир ба таърихи пайдоиши халқи тоҷик адабиёти зиёди илмӣ ба чоп расидааст, аммо таърихи пайдоиши аҳолии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ ба пуррагӣ зери таҳқиқоти амиқ қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди ин, аввалин муҳаққиқону антропологҳои

рус, ба мисли В.В. Гинзбург, Л.В. Ошанин, Т.П. Кияткина, В.Я. Зезенкова оид ба тоҷикони минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон маълумотҳои зиёд оварда, ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.

Нуктаи қобили қабул он аст, ки таҳқиқ дар ин самт бо натиҷагириҳои мушаххаси диссертант дар поёни ҳар зерфасл шарҳи худро ёфтааст, ки баррасиҳои дақиқ ва амиқи ӯро бозгӯ мекунад.

Натиҷаи илмии маҳсули таҳқиқи муаллифи рисола дар хулосаи диссертатсия баён гардидаанд, ки онҳо ҳамагӣ аз доманаи васеи баррасиҳои анҷомдода ва таҳқиқи шоистаи ӯ дарак медиҳанд. Феҳристи адабиёти истифодашудаи диссертатсия низ мутобиқ ба талаботи таҳияи он омода гардида, муҳимтарин сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқӣ ба он ворид шудаанд. Зикри манобеи муҳимми илмию адабӣ, сарчашмаҳо, адабиёти илмии зарурӣ аз он дарак медиҳад, ки диссертант мутолиаи фаррох доир ба мавзуи таҳқиқикотии хеш дорад ва барои анҷоми он аз муҳимтарин пажуҳишҳо босамар истифода кардааст.

Дар баробари чунин арзишҳои муҳимми илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки бартараф намудан ва ё ба эътибор гирифтани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар рисола диссертант аз маводди бойгонӣ хеле зиёд истифода намудааст, аммо маводҳои бойгонии оид ба соҳаи антропология нисбатан камтар ба назар мерасад.

2. Хуб мешуд диссертант оид ба расму ойин ва маросимҳои суннатии аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон маълумотҳои зиёдтар меовард.

3. Дар кор ҳарчанд аз таҳқиқотҳои саҳроии мардумшиносон ва антопологҳо истифода шудааст, аммо таҳқиқотҳои саҳроии диссетант хеле кам ба назар мерасад.

4. Дар диссертатсия на ҳама ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон ба қадри кофи мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд, таҳқиққоти муфасалро талаб мекунад.

5. Баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ дар диссертатсия ба чашм мерасанд, ки бартараф намудани онҳо арзиши рисоларо боз ҳам баланд мебарад.

Эродҳои муаяншуда ба натиҷаи асосии кор таъсири ҷиддӣ намерасонад ва сифати рисоларо коста намегардонанд.

Дар умум, диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) бо услуби илмӣ ва истифодаи сарчашмаҳои зарурию осори пажуҳишӣ ба қалам омадааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 номгӯи таълифоти илмии муаллиф, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, диссертант бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намудааст. Инчунин муаллиф борҳо дар семинарҳои илмӣ натиҷаҳои таҳқиқоти худро маърӯза намудааст.

Хулоса, диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Шамсияи Тоирхон муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои таърих, професори
кафедраи археология ва диншиносии
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров».

**Раҳимов Н.Т**

Имзои **Раҳимов Н.Т** -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
Махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи Б.Ғафуров». **Сайдуллозода З.С**

«__15__» сентябри соли 2026.

**Суроға:** 735700Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд
ШаҳриХуҷнд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков 1 МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷнд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров"
Тел: (+992) 92-803-00-01
E-mail; nabir@mail.ru
Тел: 786-44-44-49